# Ҳамкории байни Афғонистон ва Тоҷикистон дар соҳаи муҳити зист ва гидрология

Маълумоти мухтасар ҳамроҳ бо карикатураҳо



**Ҳамкории байни Афғонистон ва Тоҷикистон дар соҳаи муҳити зист ва гидрология**
**Маълумоти мухтасар ҳамроҳ бо карикатураҳо**

**Изҳори сипос**
Ин нашрия аз ҷониби Zoï Environment Network дар ҳамкорӣ бо кишварҳо, Комиссияи Иқтисодии Созмони Милал барои Аврупо ва Дафтари САҲА дар Тоҷикистон бо пуштибонии Федератсияи Россия таҳия шудааст.

**Консепсия:** Виктор Новиков ва Амон Бердиев

**Карикатураҳо:** Руслан Валитов

**Матн:** Ҷорҷ Ҳюз

**Мутарҷим:** Баҳриддин Алиев

**Шахсони саҳмгузошта:** Фируза Илларионова, Анвар Ҳомидов, Азизуллоҳ Умар, Николай Денисов, Юлия Денисова

**Тарроҳ:** Мария Либерт

# Ҳамкории байни Афғонистон ва Тоҷикистон дар соҳаи муҳити зист ва гидрология

Маълумоти мухтасар ҳамроҳ бо карикатураҳо

1. Асосҳои гидрология ва андозагирии дарё
2. Ниёзмандиҳои иттилоотии истифодабарандагон дар мавриди об
3. Мубодилаи иттилооти гидрологӣ
4. Офатҳои табиӣ ва ҳамкорӣ
5. Ҳамкорӣ барои пешгирии ҷиноятҳои вобаста ба муҳити зист
6. Шинондани дарахтҳо ва ҳифзи захираҳои генетикӣ
7. Экспедитсияҳои муштарак ва арзёбиҳои муҳити зист
8. Мониторинги пирях ва арзёбиҳои тағйири иқлим
9. Омӯзиш ва табодули таҷриба
10. Ҳамкории наздисарҳадӣ
11. Масъалаҳои умумии муҳити зист

## Асосҳои гидрология ва андозагирии дарё




Мушоҳидаҳои гидрологӣ дар ҳавзаи болооби Амударё аз мавҷудияти зерсохтор вобастагӣ доранд ва методҳоеро риоя менамоянд, ки барои шароитҳои махсуси ҷуғрофӣ ва гидрологӣ муносибанд. Андозагирии истифодаи оби ин дарёи босуръат ҷоришаванда ва пуртуғёни кӯҳӣ мисли чен кардани сатҳи об осон нест.



## Ниёзмандиҳои иттилоотии истифодабарандагон дар мавриди об




Баъзе истифодабарандагон дар бораи об дар режими вақти воқеӣ ба иттилоот ниёз доранд ва дигарон ба иттилооти коркардшуда ва қолабҳои умумӣ афзалият медиҳанд. Чунин тарзи истифода аз доираи ҳамкории техникӣ то кишоварзӣ, то қабули қарор ва ҳамкории байнидавлатӣ тӯл мекашад. Қонеъ намудани ниёзмандиҳои ҳамаи истифодабарандагон мониторинги хуб инкишофёфтаи гидрологӣ, омодасозии бодиққати иттилоот дар бораи об ва табодули устувори маълумотро талаб менамояд.

## Мубодилаи иттилооти гидрологӣ




Ҳам Афғонистон ва ҳам Тоҷикистон дар Амударё мониторинги гидрологиро анҷом медиҳанд ва мақомоти миллӣ ҳоло табодули пайвастаи маълумотҳоро ба роҳ монда истодаанд. Иттилооти таърихии гидрологӣ барои дуруст гузоштани таҷҳизот, тахмин муайян кардани обхезиҳову хушксолиҳои ҳадди аксар имконпазир ва фаҳмидани тамоюлоти дарозмуддат муҳим аст.



## Офатҳои табиӣ ва ҳамкорӣ



Офатҳои табиӣ сарҳадҳои миллиро намешиносанд ва дар ҳавзаи Амударё офатҳои харобиовартарин обхезиҳое мебошанд, ки ба сокинони ҳар ду ҷониби дарё зиён мерасонанд. Кишварҳо воситаҳои мудофиаи табиӣ ва муҳандисиро истифода мебаранд то таъсири обхезиро ҳадди ақал коҳиш диҳанд, вале ҳанӯз барои онҳо зарур аст, ки тавонмандиҳои огоҳсозии бармаҳали худро такмил диҳанд.

## Ҳамкорӣ барои пешгирии ҷиноятҳои вобаста ба муҳити зист




Ҷиноятҳои муҳити зистӣ ба захираҳои табиӣ зиён расонида истодаанд ва таназзули муҳоҷирати навъҳои нотототу ҳайвонот, захираҳои генетикӣ ё пӯшиши ҷангал дар як тарафи дарё ба тарафи дигари дарё таъсири манфӣ мерасонад. Муҳофизати мукаммал аз ҳамкории наздики байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъсиси минтақаҳои умумии ҳифзшуда ва санадҳои муносиби меъёрӣ вобаста аст.



## Шинондани дарахтҳо ва ҳифзи захираҳои генетикӣ




Барои Афғонистон ва Тоҷикистон зарур аст, ки захираҳои генетикӣ ва ҷангалҳои гаронбаҳои худро муҳофизат намоянд. Талошҳои муштараки шинондани дарахтон ва ҳифзи захираҳои генетикӣ метавонад ҳам ба экосистемаҳо ва ҳам ба аҳолии маҳаллӣ манфиат орад.

## Экспедитсияҳои муштарак ва арзёбиҳои муҳити зист



Афғонистон ва Тоҷикистон ният доранд барои омӯхтани вазъи муҳити зист экспедитсияҳои муштаракро анҷом диҳанд, арзёбиҳои муҳити зистро баргузор намоянд ва тадбирҳоро ҷиҳати баркарор ва нигоҳ доштани муҳити тозаи зист ба нақша гиранд ва амалӣ кунанд.



## Мониторинги пирях ва арзёбиҳои тағйири иқлим




Рӯйкардҳои ноустувор ба арзёбии тағйири иқлим ва пиряхҳои обшаванда барои амалиёт натиҷаҳо ва нақшаҳои гуногунро таҳия кардаанд. Ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии наздиктар метавонад ба бартараф намудани силсилаи холигоҳҳо ва такмил додани аксуламалҳо кӯмак расонад.

## Омӯзиш ва табодули таҷриба



Раванди ҳамкории Афғонистону Тоҷикистон дар мавриди гидрология ва муҳити зист тренинг ва табодули таҷрибаро фаро мегирад. Манфиати асосии ин раванд дар он аст, ки насли ҷавонтар ва донишҷӯён аз мутахассисони касбии маҳаллӣ меомӯзанд.



## Ҳамкории наздисарҳадӣ




Амнияти кормандони хадамоти гидрологӣ ва муҳити зистӣ, ки дар Амударё кор мекунанд, мавзӯи муҳим аст. Дастрасӣ иҷозатномаи махсусро талаб менамояд, вале шароити сахт ва ноҳамвори кӯҳистонӣ сарҳади Афғонистону Тоҷикистонро ба минтақаи душвор идорашаванда табдил медиҳад ва кишварҳо системаҳову шабакаҳоро дар ҳамаи сатҳҳо таҳия менамоянд, то амнияти кормандонро таъмин кунанд.

## Масъалаҳои умумии муҳити зист




Афғонистон ва Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти умумии муҳити зист рӯ ба рӯянд, баъзе мушкилот барои як кишвар муҳимтар ва баъзе мушкилоти дигар барои кишвари дигар муҳимтаранд. Ҳамкорӣ дар атрофи масъалаҳои муҳити зист тадбирҳои муштаракро талаб менамояд, ки самаранок буда, муносибатҳои наздисарҳадиро тақвият медиҳанд.